**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 29**
**КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ**

## МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:

- **Супоришҳои протоколии ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**
- **Омодагӣ ба ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ**
- **Ҷаласаи нахустини Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси ноҳияи Фархор**

## СУПОРИШҲОИ ПРОТОКОЛИИ ҶАЛАСАИ 9-УМИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ
**(аз 10 апрели соли 2012)**

Тавре қаблан иттилоъ дода шуда буд, дар таърихи 10 апрели соли 2012 ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ доир гардид. Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақомот ва масъулини дахлдор, аз ҷумла дастуру супоришҳои зайл доданд:

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андозро бори дигар таҷдиди назар карда, таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагон, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалиро ҳангоми такмили он ба инобат гирад.

Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз □ониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз □умла мутахассисони □албгардидаи хори□□ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба таъсири манф□ ва мусбии он ба бу□ети давлат□, фаъолияти иқтисодии бахши хусус□ ва суботи и□тимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад.

2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд оид ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, таҳлилҳо гузаронида натиҷаи онро ба ҷаласаҳои оянда Шӯрои машваратӣ пешниҳод намояд.

3. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои хурду миёна дар қаламрави вилоят хусусан минтақаҳои дурдасту кӯҳии он, дар соҳаҳои саноат, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот, коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, чорводорӣ ва паррандапарварӣ, саноати коркарди гӯшту шир, бахши сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт нақша-



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, биноии «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**

чорабиниҳои мушаххас таҳия намуда, афзоиши назарраси таъсиси корхонаҳои саноатиро дар вилоят таъмин намояд.

4. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон вазъи кунунии минтақаҳои озоди иқтисодиии «Панҷ» ва «Данғара»-ро пурра таҳлил намуда, барои фаъолияти пурсамари онҳо, аз ҷумла рушди савдои байнисарҳадӣ чораҳои муассир андешад ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шашмоҳа ахборот диҳад.

5. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута, соҳибкорон, муассисаҳои таълимоти касбӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидани иқтидори касбии соҳибкорон, таъсиси марказҳои бозомӯзии соҳибкорон ва таъмини фаъолияти самараноки онҳо чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳар шашмоҳа ахборот манзур намоянд.

6. Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд масъалаҳои дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ баррасишавандаро бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамоҳанг намоянд.

7. Аъзоёни Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фаъолияти пурсамар намуда, ба соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намоянд ва аз натиҷааш дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахборот пешниҳод намоянд.

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тибқи тартиби муқarrаргардида мониторинги ҷараёни иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратиро доир намуда, барои мусоидат ҷиҳати татбиқи пурраи қарорҳои қабулнамуди ҷаласаи 9-уми Шӯро ба ҳамкорон изҳори миннатдорӣ менамояд.

## ОМОДАГӢ БА ҶАЛАСАИ 10-УМИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Котиботи Шӯрои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ омодагии худро барои гузаронидани ҷаласаи 10-уми Шӯро оғоз намуд.

Лоиҳаи рӯзномаи ҷаласа тибқи натиҷаҳои ҷараёни интихоби мавзӯҳо ва қарорҳои протоколии ҷаласаи 9-уми Шӯро таҳия карда мешавад.

Айни замон, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо намояндагони бахши хусусӣ, шарикони


Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**

рушд ва Котиботи Шӯрои машваратӣ барои омода намудани таҳлилҳо вобаста ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои иловагии маъмурӣ барои фаъолиятҳои соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, корҳои мушаххас амалӣ шуда истодааст. Бо ин мақсад ҷиҳати муайян намудани проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, бо намояндагони бахши хусусӣ воҳӯриву мулоқотҳои алоҳида доир гардида истодаанд.

## ҶАЛАСАИ НАХУСТИНИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР НАЗДИ РАИСИ НОҲИЯИ ФАРХОР

11 майи соли 2012 дар ноҳияи Фархор ҷаласаи нахустини Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Раиси ноҳия баргузор гардид. Шӯрои мазкур бо ташаббуси Раиси ноҳияи Фархор, намояндагони бахши хусусӣ ва бодастгирии технкию машваратии Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Дар ҷаласаи нахустини Шӯро аъзоёни Шӯро аз ҳисоби намондагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ инчунин намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратии назди Раиси вилояти Хатлон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкат намуданд.

Дар ҷараёни ҷаласа, масъалаҳои ташкилӣ ва натиҷаҳои тадқиқот «Оид ба дараҷаи огоҳии бахши хусусӣ дар ноҳияи Фархор» пешниҳод карда шуд. Тадқиқоти мазкур аз ҷониби Иттиҳодияи ҷамъиятии «Нисоҷон» бо дастгирии Барномаи рушди СММ дар моҳи март-апрели соли 2012 доир шуда буд. Дар ҷаласа як қатор таклифу пешниҳодот вобаста ба баланд бардоштани дараҷаи иттилоотонии бахши хусусӣ оид ба ислоҳоти доиршудаистода дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ироа гардид.

Қайд гардид, ки дар самти мазкур Маркази дастгирии соҳибкорӣ ва савдои наздисарҳадӣ дар ноҳияи Фархор, ки фаъолияти он барои кӯмак намудан ба соҳибкорони ноҳия ҷиҳати рушди фаъолияти тиҷоратии онҳо равона шудааст, метавонад кӯмак расонад. Ҳамзамон Марказ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоту идораҳои дахлдор ҷиҳати ҳалли масъалаҳои соҳибкорон ҳамкориҳои зич дорад.

Дар ҷаласа инчунин чорабинии «Рӯзи дарҳои кушода» гузаронида шуд, ки дар он ҳар як соҳибкор оид ба рушди тиҷорати худ ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарра аз намояндагони мақомоти давлатӣ, ки соҳаи соҳибкориро ба танзим медоранд, посуххои мушаххас гирифтанд. Боиси хурсандист, ки бо қарори Шӯрои машваратӣ 11 май «Рӯзи соҳибкорӣ дар ноҳияи Фархор» эълон гардида, тасмим гирифта шуд, ки дар таърихи 11-уми ҳар моҳ воҳӯрии намояндагони мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон гузаронида шавад, ки дар он сохибкорон тавонанд ба саволҳои худ посух гирифта, пешниҳодоти худро вобаста ба рушди соҳибкорӣ ироа намоянд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj

Намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иштиркчиёни ҷалса оид ба лоиҳаи Қнуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ» ва тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маълумот доданд. Иштирокчийни ҷалса таклифу пешниҳодоти худро вобаста ба лоиҳаҳои зикргардида баён намуданд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**

***Хонандагони мӯҳтарам!***

***Агар ягон таклифу пешниҳодот барои баррасӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯро ё умуман фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дошта бошед, метавонед тавассути суроғаи электронии amavlonova@investmentcouncil.tj ба Котиботи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намоед.***

***Инчунин метавонед маводҳои ҷолибро вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ирсол намоед, ки дар яке аз нашрҳои ояндаи Варақаи иттилоотии Котибот ҷой дода мешаванд.***

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Завқиҷон Завқиев-Роҳбари Котибот***
***Нумон Абдуҷаборов-мушовири иқтисодӣ***
***Елена Ишанкулова-мушовири ҳуқуқӣ***
***Азиза Мавлонова- мушовири ҳуқуқӣ***
***Умедҷон Умаров- мушовири иқтисодӣ***